**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# Тақриз
## ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

Дар байни намудҳои ҷазои молу мулкӣ мусодираи молу мулк чораи сахттарин ба ҳисоб меравад. Мусодираи молу мулк – яке аз шаклҳои шадиди ҷазои ҷиноятӣ ва шояд, ҷазои аз ҳама ҷазоҳои иловагии муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ вазнинтарин мебошад Мусодираи молу мулк ҷазои хеле вазнин буда, ҷавобгарии фавқулодаи молу мулкии маҳкумшударо ифода мекунад. Дар воқеъ, автореферати диссертатсияи Зокирзода З.Х. ба яке аз мавзӯъҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон – мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Муаллифи автореферати диссертатсия падидаи мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятиро аз нигоҳи фазои ҳуқуқии ватанӣ мавриди баррасии илмӣ қарор дода, нуктаву пешниҳодҳои боарзиши илмиро манзур намудааст.

Диссертант ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои судманд ироа намуда, масоъили дар автореферати диссертатсия матраҳгардида барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз аҳаммияти илмӣ холӣ набуда, бо баназаргирифтани таклифу пешниҳодҳои автореферати диссертатсия танзими ҳуқуқии мусодираи молу мулк дар амалияи судӣ дуруст танзим мегардад ва кори мақомотҳои ҳуқуқтатбиқкунанда осон мегардад.

Қобили қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Зокирзода З.Х. ба яке аз мавзӯъҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ иртибот дорад, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун таҳқиқоти мукаммал ва алоҳида рӯи кор наомадааст. Дар автореферати диссертатсияи Зокирзода З.Х. қонунгузории давраи шӯравӣ ва муосир, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқуии байналмилалӣ, омор ва амалияи судӣ истифода шудааст, ки ин арзиши автореферати диссертатсияро баланд нишон медиҳад.

Натиҷаҳои автореферати диссертатсияи Зокирзода З.Х. метавонанд, боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалия тартиби иҷрои мусодираи молу мулк дуруст танзим карда шавад; натиҷаҳои аз амалия дарёфтшуда дар фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, инчунин иҷрочиёни суд истифода гардад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои таъини ҷазо» истифода шавад. Дар муқаддимаи автореферат диссертант дар мавриди

мубрамият, дараҷаи таҳқиқ, сарчашмаҳо, навгонӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсия ва дигар паҳлуҳои илмие, ки зикраш дар муқаддима зарур аст, ишора намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ин асосан инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк, табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк, мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк, мақсади мусодираи молу мулк, инчунин проблемаҳои иҷрои ҷазо дар намуди мусодираи молу мулкро фаро мегирад.

Муаллиф чунин меҳисобад, ки танзими ҳуқуқии мусодираи молу мулк дар сарзамини Тоҷикистони имрӯза аз қонунгузории шӯравӣ сарчашма мегирад, ки асоси онро Инқилоби октябр (соли 1917) ташкил медиҳад. Махсусан дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ санадҳои меъёрии бисёре амал мекард, ки ба масъалаи ҷиноят ва ҷазо, аз ҷумла ҷазои мусодираи молу мулк бахшида шуда буд.

Ба андешаи диссертант ба вазъи иҷтимоию иқтисодии он давра нигоҳ накарда, имкони истифодабарии мусодираи молу мулк дар давраи барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ ба таври назаррас васеъ гардиданд. Молу мулк, чун қоида, на барои содир кардани ҷиноят, балки вобаста ба таъқибот (репрессияҳо) нисбати шахсоне, ки дорои моликият буданд, ситонида мешуд. Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ нишон дод, ки қонунгузории давлатҳои мавриди омӯзиш қарор дода шуда ба таври гуногун ба масъалаи муайян сохтани моҳияти мусодираи молу мулк нигоҳ мекунанд. Асосан панҷ нуқтаи назар дар робита ба муайян кардани мусодираи молу мулк мушоҳида шуд.

Нуқтаи назари аввал – ин эътироф кардани мусодираи молу мулк ба сифати яке аз намудҳои ҷазо, ки метавонад ҳамчун ҷазои иловагӣ маъмулан дар ҳолатҳои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз рӯи ангезаҳои ғаразнок истифода шавад. Қонунгузориҳои ҷиноятии Қазоқистон, Украина, Белорус ва Арманистон ин нуқтаи назарро пазируфтаанд. Чунин нуқтаи назар нисбат ба муайян намудани мусодираи молу мулк асосан аз таҷрибаи солҳои қаблии қонунгузории ҷиноятии Давлати Шӯравӣ гирифта шудааст.

Бо вуҷуди ин, мусодира – ин ба таври маҷбурӣ ва ройгон ба фоидаи давлат гузаронидани молу мулкест, ки новобаста аз манбаъи даромад ба шахси маҳкумшаванда тааллуқ дорад. Имкон дорад молу мулки шахси маҳкумшаванда ба таври пурра ва ё қисман мусодира шавад. Вале дар тамоми давлатҳои дар боло зикршуда, қонунгузорӣ рӯйхати молу мулки барои шахси маҳкумшаванда ва шахсони дар таъминоти вай зарур бударо мушаххас мекунад, ки мусодира намешавад.

Бар асоси нуқтаи назари дуюм, мусодираи молу мулк як намуди ҷазоест, ки метавонад фақат ба сифати ҷазои иловагӣ таъин мегардад,

вале дар чунин ҳолат, мусодираи умумӣ ё пурра истифода намешавад. Қонунгузорони Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Ҷумҳурии Туркманистон аз ин тартиб пайравӣ кардаанд ва ба қонунгузориҳои ҷиноятии миллии худ мусодираи ба истилоҳ махсусро дохил намуданд, ки зери мафҳуми он ситонидани маҷбурӣ ва ройгони предметҳо ва молу мулке фаҳмида мешавад, ки боиси содиршавии ҷиноят мешаванд ё барои содир шудани ҷиноят дар назар гирифта мешаванд ва ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда мешаванд; олот ва воситаҳое, ки ҳангоми содир шудани ҷиноят истифода бурда мешаванд ва ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда мешаванд (Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон); молу мулки бо роҳи ғайриқонунӣ ба дастомада (Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон).

Нуқтаи назари сеюм – ин хориҷ кардани мусодираи молу мулк аз низоми ҷазо ва ба он додани мақоми махсуси ҳуқуқӣ ва ҳамчунин маҳдуд сохтани он фақат ба молу мулк ва предметҳои вобаста ба ҷиноят мебошад, яъне эътирофи фақат мусодираи махсус на ҳамчун намуди ҷазо, балки чораи дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ. Дар Қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Русия мусодираи молу мулк ҳамчун чораи дорои хусусияти хуқуқии ҷиноятӣ эътироф гардидааст, ки мутобиқи он аз ҳисоби ситонидани молу мулки ҷинояткор аввал манфиати ҷабрдида қонеъ гардонида мешавад, сипас ситониш ба фоидаи давлат сурат мегирад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Литва низ аз ин нуқтаи назар пайравӣ намудааст (мусодираи молу мулкро воситаи таъсиррасонии ҷиноятӣ эътироф кардааст), қонунгузории Ҷумҳурии Эстония зимни даст кашидан аз мусодираи пурра ва қисман, онро ба низоми ҷазо ворид накардааст. Мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова ва Ҷумҳурии Қирғизистон мусодираи молу мулк ба рӯйхати чораҳои бехатарӣ дохил карда шудааст. Мувофиқи қонунгузории давлатҳои мазкур, фақат молу мулке метавонад предмети мусодира қарор бигирад, ки олот, восита ва натиҷаи амали ҷиноятӣ гардида бошад. Дар айни ҳол маъмулан ба таври дақиқ рӯйхати ҷиноятҳое мушаххас мегардад, ки барои содир кардани ин ҷиноятҳо имкон дорад мусодираи молу мулк сурат гирад. Ҳамчунин дар ин асос рӯйхати предметҳое, ки метавонанд мусодира шаванд, муайян мегардад.

Равиш ва ё нуқтаи назари чорум ин даст кашидан аз чунин чораи ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне мусодираи молу мулк мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Гурҷистон бо ғайриконститутсионӣ шуморидани мусодираи молу мулк ва аз Кодекси ҷиноятӣ хориҷ намудани он, аз ин равиш ва нуқтаи назар пайравӣ менамояд.

Нуқтаи назари панҷум, яъне хориҷ кардани мусодираи молу мулк аз низоми ҷазо бо эътироф кардани мусодираи пурра ва қисман новобаста аз манбаъи молу мулки шахси маҳкумшаванда, ки мавриди мусодира қарор намегирад. Ба таври дигар, моҳиятан бо пазируфтани мафҳуми мусодираи молу мулк дар қонунгузорӣ, ки он дар Кодекси ҷиноятии Моделии (намунавии) Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пешниҳод

шудааст, қонунгузор фақат ба мусодираи молу мулк мақоми махсуси ҳуқуқӣ бахшида, онро аз низоми ҷазо хориҷ намудааст. Аз ин нуқтаи назар қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон пайравӣ мекунад.

Илова бар ин, бо баррасии таърихи мавзӯи мавриди таҳқиқ ва дар муқоиса қарор додани ин намуди ҷазо дар Кодексҳои ҷиноятии замони Шӯравӣ ва Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил диссертант тавонистааст, то дастовардҳо ва камбудҳои қонунгузориҳоро дар ин самт таҳлилу баррасӣ намояд. Ба назари мо, ба назар гирифтани таҷрибаи хориҷӣ дар қисми мусодираи молу мулк боиси такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ гардида, хулосаҳои бадастоварда барои илми ҳуқуқшиносии кишвар хизмат хоҳад кард. Дар баробари ҷанбаҳои мусбати автореферати диссертатсия баъзе камбудии зерин ба мушоҳида расид, ин камбудӣ қимати автореферати диссертатсияро коста намегардонад:

1. Муаллиф дар автореферати диссертатсия аз тафсирҳо ба қонунҳои соҳавӣ истифода набурдааст. Хубтар мебуд агар муаллиф дар автореферати диссертатсия аз тафсирҳои қонунҳои соҳавӣ ба таври фаровон истифода менамуд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур дорои навгонии назарраси илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда буда, барои рушду инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамият дорад. Таҳқиқоти диссертатсионии Зокризода Зафар Хайрулло ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Ғафурзода А.Д.**

**Суроға:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи ба номи Саид Носир, 33, Тел. +992 (37) 224-17-86. Факс (37) 228-92 20. (info@apa.tj).

**Имзои Ғафурзода А.Д.-ро тасдиқ менамоем.**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдуалимзода И.И.**